**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ______________

«28» 01 ______________ соли 2026

**Нусха аз протоколи № 7-и**

ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 24 январи соли 2026. ш. Душанбе

**Раискунанда: Бобокалон Ғ. М., н.и.ҳ., дотсент**

**Котиб: лабаранти кафедра Маҷидова Р. С.**

**Иштирок доштанд:** н.и.ҳ., дотсент Ғ.М. Бобокалон, профессорон М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзода, П.З. Мирзозода, дотсентон Н. Шонасриддинов, Э.Д. Давлатмандзода, Р.В. Мирбобоева, С.К. Ризоева, Ш.Ҷ. Мансурӣ, Н.И. Муминзода, И.З. Саъдиев, И.М. Шарифзода, О.А. Мавлоназарзода, Х.С. Каримзода, муаллимони калон Р.М. Хоҷаева, С.И. Исмонализода, ассистентон Ш. Шабонов, Ф.Ҳ. Азамқулов, Ф.А. Амирзода, Абдулхайри Ҳ., Абдулазизи А., лаборанти кафедра Маҷидова Р.С.

**Рӯзномаи маҷлис:**

**1.** Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Роҳбари илмӣ: Давлатмандзода Эраҷ Давлатманд – н.и.ҳ., дотсент иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар шароити муосири рушди низоми ҳуқуқӣ, бахсус ташаккули падидаҳои ҳуқуқи маданӣ дар заминаи КМ ҶТ таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ дар воқеъ ҳамчун институти муҳими ҳуқуқи маданӣ ба маҳсуб гардида, мавҷудият ва аҳаммиятнокии он дар адабиётҳои илмӣ ва қонунгузории кишвар бевосита мустаҳкам карда шудааст. Дар баробари рушди муносибатҳои марбут ба иҷрои ӯҳдадориҳои масъалаҳои такмили низоми қонунгузории маданӣ дар партави муқаррароти институти мазкур ба миён меояд.

Вобаста ба ин, таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ ва муайян кардани мавқеи он дар низоми падидаҳои ҳуқуқи маданӣ барои соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва қонунгузории он мусоидат менамояд.

Дар банди 39 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 (бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ гардидааст) муқаррар карда шудааст, ки дар танзими ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба миён меоянд, як қатор мухолифат ва норасоиҳо мушоҳида мешаванд. Хусусан чунин вазъ дар мавриди ҷавобгарии мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор ҷой доранд. Аз ин рӯ, бо дар назар доштани қонунҳои махсус боби дахлдори КМ ҶТ бояд такмил дода шавад.

Бо дарназардошти муқаррароти ин ҳуҷҷати стратегии пешбиникунандаи дурнамои рушди сиёсати ҳукукии мамлакат анҷом додани таҳқиқоти илмии мукаммал дар доираи масоили фарогирии асосҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ барои рушди илмии падидаи мазкур ва такмили қонунгузории маданӣ мусоидат менамояд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Сангинзода Д.Ш., н.и.ҳ, дотсентон Шонасриддинов Н., Ризоева С.К., Мирбобоева Р.В. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Исмонализода Сайвали Исмонали ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ н.и.ҳ., дотсент Давлатмандзода Э.Д. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Исмонализода Сайвали Исмонали

суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Бобокалон Ғ.М. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла устодони кафедра н.и.ҳ., дотсентон Мавлоназарзода О.А., Саъдиев И.З., Мансурӣ Ш.Ҷ., Каримзода Х.С. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Исмонализода Сайвали Исмонали муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 17 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Исмонализода Сайвали Исмонали ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз

рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ санаи 24 январи соли 2026 қабул гардидааст (суратҷаласаи №7 аз 24. 01. 2026).

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 22 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 22 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раискунандаи ҷаласа: н.и.ҳ., дотсенти кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети
ҳуқуқшиносӣ Бобокалон Ғ.М.

Котиби ҷаласа: лаборанти кафедра Маҷидова Р.С.

Имзои Бобокалон Ғ.М. ва Маҷидова Р.С.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
«24» 01 соли 2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj,
сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj